

**25.03.2018 19:11, шахри Душанбе**

25 март Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар тантанахои бошукухи идонаи наврӯзӣ, ки дар “Наврӯзгох” - и пойтахт баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.

Мавриди зикри хос аст, ки сокинони нохияхои шахри Душанбе чашни Наврӯзро бо комёбихои беназир истикбол гирифтанд. Танхо давоми як соли охир пойтахти кишвар бо бунёди иншооти гуногуни маишӣ, маъмурӣ, истикоматӣ, гулгашту хиёбонхо, майдончахои варзишӣ, азнавсозии богхои фархангию фарогатӣ ва гайра симои тоза ба бар кард.

Хамаи ин пешравихо бо чонибдории мардум аз сиёсати созандаи Хукумати кишвар ва талошхову тадбирхои рохбарияти Макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахри Душанбе ба даст омаданд.

Дар махалли баргузории чорабинии идона - Наврӯзгохи пойтахт шумораи зиёди мардум ва мехмонони хоричӣ иштирок карданд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Рахмон зимни суханронӣ кулли шахрвандони мамлакат, хамватанони бурунмарзӣ, сокинони пойтахти кишвари сохибистиклоламон ва мехмононро ба муносибати иди фархундаи Наврӯзи чахонӣ, чашни эхёи табиат, ибтидои пешомадхои

нав, огози ниятхои бахорӣ ва накшаву тадбирхои тоза табрик гуфтанд.

Пешвои миллат бо итминон иброз доштанд, ки мардум бо шукронаи сохибихтиёриву сохибватанӣ, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдати миллӣ дар оянда низ ба хотири тахкими иктидори иктисодии давлатамон, ободиву пешрафти Ватани махбубамон, рӯзгори боз хам осудаи хар як оилаи Точикистони азизамон бо хисси баланди милливу ватандорӣ саъю талош хоханд кард.

Бо хамин орзуву ниятхои нек Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бори дигар мардуми шарифи Точикистон ва хамаи сокинони пойтахтро ба ифтихори Наврӯз - чашни бузурги миллӣ ва Соли нави ачдодӣ табрик гуфта, ба хамаи онхо тандурустиву сарбаландӣ, икболи нек ва рӯзгори пурфайз орзу карданд.

Тантанахои наврӯзи байналмилалӣ бо барномаи рангину пурмӯхтавои консертии устодони санъат ва хунармандон, ки тачассумгари оинхои хоси Наврӯзи байналмилалӣ буд, идома ёфт.

**http://president.tj/node/17380**